## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович, дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Мевапарварӣ, аз он ҷумла парвариши навъҳои интродуксионии олу яке аз соҳаҳои асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ дар деҳот, таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат нақши муҳимро мебозад. Ноил гардидан ба дастовардҳои баланд ва дарёфти навъҳои дурнамо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои биологию экологии навъҳои дарахтони мевадиҳанда дар шароитҳои гуногуни ҷуғрофӣ муясар мегардад.

Бинобар ин ба вуҷуд овардани навъҳои нав ва интродуксияи онҳо дар шароти коллексионӣ, омӯхтану ҷудо намудани навъҳои дурнамо, барои пешниҳод кардан ба истеҳсолот ва корҳои селексионӣ мубрамии мавзӯи таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. омӯзиши навъҳои интродуксионии олуро дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо мақсади иваз кардани навъҳои куҳна бо навъҳои серҳосилу аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мавриди омӯзиш қарор додааст.

Аз ин рӯ унвонҷӯ Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович таҳқиқотҳои илмии худро доир ба мутобиққунии навъҳои нави интродуксионии олу, ки бо хусусиятҳои хоси хоҷагидорию экологиашон аз дигар навъҳо фарққунанда буданд, дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон равона намудааст.

Фозилов Ҷ.Д., соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси экология хатм намуда, пас аз он соли 2012 то 2016 дар Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангали Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2016 то соли 2023 дар вазифаи котиби илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва феврали соли 2023 то ин ҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии институти мазкур кор ва фаъолият намуда истодааст.

Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович соли 2017 ба ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар Институти боғу токпарварӣва сабзавоткории АИКТ ба ҳайси аспирант дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Кори диссертатсионии Фозилов Ҷ.Д. аз муқаддима 6 боб, 17 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқотии диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардидааст. Объект ва мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович таҳлили адабиёт оид ба масъалаи таҳқиқот дар 5 зербоб пурра ва саҳеҳ оварда шудааст. Пайдоиш ва аҳамияти навъҳои олу, тараққиёти соҳаи мевапарварӣ ба хусус навъҳои нави интродуксионии олу дар Тоҷикистон, хусусиятҳои ботаникию биологӣ ва нақши селексия дар ба вуҷуд овардани навъҳои нав маълумотҳои муфассал гирд оварда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия маълумот оид ба таркиби хоки минтақаи таҳқиқот шароит, маводҳо ва методикаҳои гузаронидани таҷрибаҳо дар ду зербоб дар ҳаҷми 16 саҳифа дарҷ гардида оид ба шароити обу ҳавои минтақа дар чор сол маълумотҳо, методикаи

гузаронидани таҳқиқот маводҳо барои гузаронидани таҳқиқот пурра оварда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар 7 зербоб дарҷ гардида, доир ба масъалаҳои агротехникаи парвариш, гузариши марҳилаҳои фенологӣ, оғози давраи нашв, гулкунӣ, ташаккулёбии мева, баҳодиҳии ҳосилнокӣ, сифати меваи тару това ва хушк, таркиби биокимиёвӣ ва хусусиятҳои экологии навъҳои интродуксионии олу пурра таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо унвонҷӯ се навъҳои нави олуро ҳамчун навъҳои ояндадор интихоб намуда ба истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Дар боби чорум, ки аз се зорбоб иборат аст оид ба баҳодиҳии устувории навъҳои интродуксионии олу ба омилҳои биотикӣ ва абиотикӣ дар қитъаи таҷрибавӣ ва устувории навъҳои нави олу ба касалию зараррасонҳо ва чораҳои пешгирикунанда бар зиди онҳо маълумотҳои саҳеҳ оварда шудааст.

Дар боби панҷуми диссертатсия маълумот оид ба хароҷотҳои истеҳсолии воқеъӣ дар парвариши дарахтони мевадиҳанда оварда шуда, самаранокии иқтисодии навъҳои нави олуро дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

Дар боби шашуми диссертатсия корҳои илмӣ таҳқиқотии гузаронидашуда пурра баррасӣ гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқот мухтасар баён шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назарявӣ методӣ ва таҳлили мукаммал карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашр гардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавӯи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар

шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ,
ходими пешбари илмии Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Назиров Ҳ.Н.
“11” сентябри соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21а
Телефон: (+992) 2215443
E-mail: taskhn@mail.ru) www.taas.tj

Имзои Назиров Ҳ.Н-ро тасдиқ мекунам.
Сармутахасис оид ба кадрҳои Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ……………………Музафарова М.Н.

Суроға: ҶумҳурииТоҷикистон
шаҳри Ваҳдат, ҷамоати деҳоти А. Абдувосиев,
деҳаи Гулрез, хонаи 65
Телефон: (+992) 907.41.88.23
E- mail: hnazirov@mail/ru
«11» 09 соли 2025